# 6.1 / 5.6 ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ
# 6.1 / 5.6 ИЛМҲОИ ТАЪРИХ
# 6.1 / 5.6. HISTORICAL SCIENCES

## 6.1.1 / 5.6.1 ОТЕЧЕСТВЕННАЯ ИСТОРИЯ
## 6.1.1 / 5.6.1 ТАЪРИХИ ВАТАНӢ
## 6.1.1 / 5.6.1 HOME HISTORY

***УДК 94 (575.3)***
***DOI 10.24412/3005-849X-2025-4-5-11***

***ИНЪИКОСИ МУБОРИЗАИ ХУҶАНДИЁН БАР ЗИДДИ АРАБҲО ДАР МАЪХАЗҲОИ ХАТТӢ***

***Аюбов Абдусалом Рауфович,*** *д.и.т., профессори кафедраи таърихи умумии МДТ «ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров» (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

***ОТРАЖЕНИЕ БОРЬБЫ ХУДЖАНДЦЕВ ПРОТИВ АРАБОВ В ПИСЬМЕНННЫХ ИСТОЧНИКАХ***

***Аюбов Абдусалом Рауфович,*** *д-р. истор. наук, профессор кафедры всеобщей истории ГОУ «ХГУ имени академика Б. Гафурова» (Худжанд, Таджикистан)*

***REFLECTION OF THE STRUGGLE OF THE KHUJAND PEOPLE AGAINST THE ARABS IN WRITTEN SOURCES***

***Ayubov Abdusalom Raufovich****, doctor in History, professor of the department of general history under the SEI «KhSU named after acad. B. Gafurov» (Tajikistan, Khujand)* ***e -mail:*** *abdusalom-1@mail.ru*

*Муборизаи халқи тоҷик ба муқобили истилогарони араб яке аз давраҳои калон ва мураккаби таърихнигории ватанӣ мебошад. Вақте ки арабҳои мусулмон ҳокимияти худро дар тамоми Арабистон барқарор намуданд, онҳо ҳуҷуми худро ба Эрон оғоз карданд ва соли 642 онро анҷом дода, рӯ ба Хуросону Мовароуннаҳр оваранд. Дар омӯзиши масъалаҳои таърихи халқи тоҷик баробари маводҳои бостоншиносӣ ва асарҳои таърихию ҷуғрофӣ, ҳуҷҷатҳои хаттӣ низ аҳаммияти муҳим доранд. Яке аз онҳо ҳуҷҷатҳои Қалъаи кӯҳи Муғ дар Суғд мебошад. Омӯзиши ҳуҷҷатҳо нишон медиҳад, ки дар онҳо дар қатори маълумоти дигар лаҳзаҳои мубориза зидди истилогарони араб низ инъикос ёфтааст. Дар яке аз ҳуҷҷатҳо муборизаи аҳолии шаҳри Хуҷанд барои озодӣ тасвир шудааст. Дар муборизаи зидди арабҳо тамоми мардуми Осиёи Миёна, аз ҷумла шаҳри Хуҷанд иштирок доштанд. Ҳарчанд ҳаракати озодихоҳонаи хуҷандиён бо нокомӣ анҷом ёфт, вай чун рамзи ватандӯстӣ боқӣ мемонад.*

***Калидвожаҳо:*** *истилои арабҳо, сокинони Хуҷанд, ислом, муборизаи озодихоҳона, маъхазҳои хаттӣ, ҳуҷҷатҳои қалъаи Муғ*

*Борьба таджикского народа против арабских захватчиков — один из великих и сложных периодов отечественной историографии. Когда арабы-мусульмане установили власть во всей Аравии, они начали вторжение в Иран и завершили его в 642 году, столкнувшись с Хорасаном и Мавераннахром. При изучении проблем истории таджикского народа, наряду с археологическими материалами и историко-географическими работами, важное значение имеют и письменные документы. Одним из них являются согдийские документы с горы Муг. Изучение документов показывает, что в них, наряду с другими сведениями, описаны моменты борьбы с арабскими захватчиками. Один из документов отражает борьбу за свободу населения Худжанда. В борьбе против арабов участвовали все народы Средней Азии,*

*включая город Худжанд. Хотя освободительное движение худжанцев закончилось неудачей, оно остается символом их патриотизма.*

***Ключевые слова:*** *арабское нашествие, жители Худжанда, освободительная борьба, письменные источники, документы с горы Муг*

*The struggle of the Tajik people against the Arab invaders is one of the great and complex periods of Russian historiography. When the Muslim Arabs established power throughout Arabia, they began an invasion of Iran and completed it in 642, clashing with Khorasan and Movarounnahr. When studying the history of the Tajik people, along with archaeological materials and historical and geographical works, written documents are also of great importance. One of them is the Sogdian documents from Mount Mug. A study of the documents reveals that, along with other information, they describe moments of the struggle against the Arab invaders. One of the documents reflects the struggle for freedom of the people of Khujand. All the peoples of Central Asia, including the city of Khujand, participated in the struggle against the Arabs. Although the Khujand liberation movement ended in failure, it remains a symbol of their patriotism.*

***Key-words:*** *Arabic incursion, residents of Khujand, liberation struggle, written sources, documents of the mount Mug*

**Муқаддима.** Арабҳо ҳанӯз дар вақти ҳуҷум кардан ба Эрон дар назди худ вазифа гузошта буданд, ки Мовароуннаҳрро забт намоянд. Онҳо аз ҷумла дар бораи воҳаҳои Зарафшон, Қашқадарё ва Фарғона, ки бо иқлими хуш ва заминҳои ҳосилхез маъруф буданд, маълумот доштанд. Дар ибтидои асри VIII тули қариб 10 соли мубориза хунин арабҳо Мовароуннахро забт карданд. Муқобилати шаҳри Хуҷанд алайҳи истилогарон яке аз саҳифаҳои дурахшони муборизаи халқи тоҷик зидди арабҳо ба шумор меравад. Натиҷаи истилои арабҳо дар Осиёи Миёна ҷорӣ шудани дини ислом ва  паҳн гардидани забони арабӣ мебошад.

**Тавсифи мухтасар.** Мубориза бар зидди арабҳо тулонӣ буда, қариб 300 солро дарбар мегирад. Вай аз якчанд давраҳо ва марҳилаҳо иборат буд, ки вобаста ба сиёсати хилофат, хусусият, мақсад ва вазифаҳо аз якдигар фарқ мекард. Яке аз ҳамин марҳилаҳо ба муборизаи сокинони Хуҷанд алайҳи истилогарони араб рост меояд. Мутобиқи маълумоти маъхазҳои хаттӣ арабҳо ба Хуҷанд ду маротиба лашкар кашида буданд. Ин тохтутозҳо аз тарафи Салм ибни Зиёд (солҳои 680-681) ва ал-Мухаллаб (698-699) амалӣ шуда буданд. Забти пурраи Хуҷанд ба соли 722 рост меояд.

**Мақсади тадқиқот.** Дар мақола кӯшиши нишон додани муборизаи сокинони шаҳри Хуҷанд бар зидди истилогарони араб карда шудааст. Мақсад аз ин инъикоси саҳми мардуми ин шаҳр дар муборизаи дастаҷамъонаи халқи тоҷик алайҳи забткориҳои арабҳо мебошад.

**Методи тадқиқот.** Дар таълифи мақолаи мазкур методҳои таҳлил ва муқоиса истифодпа шудаанд. Зеро масъалаи асосии мақола аз тарафи муҳаққиқони мухталиф ҳам дар маъхазҳои хаттӣ ва ҳам дар адабиёти илмии муосир якхела мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд.

**Таҳлил ва тавсифи адабиёти илмӣ.** Доир ба қаҳрамонии пешгузаштагони тоҷикон алайҳи истилогарии арабҳо асарҳои зиёд навишта шудаанд. Маълумоти бештарро маъхазҳои хаттӣ медиҳанд, ки дар қатори аввал ҳуҷҷатҳои қалъаи кӯҳи Муғ меистанд. Маълумоти онҳо дар ягон манбаи дигар дида намешавад. Ҳарчанд ҳуҷҷатҳои мазкур ба ҳаёти суғдиён бахшида шудааст, аммо онҳо шомили маълумоти вобаста ба муборизаи хуҷандиён зидди арабҳо низ мебошанд. Муаррихони асримиёнагии арабу форсзабон, ба монанди Табарӣ, Наршахӣ, Балозурӣ дар бораи муборизаи озодихоҳонаи тоҷикон маълумоти зиёд додаанд. Дар бораи муборизаи зидди арабҳо аз муҳаққиқони замони муосир С.Айнӣ, Б.Ғафуров, С.Г. Кляшторный, А.Ҷалилов, Ғ.Ғоибов, А.Ҳақназаров, Ҳ.Камол, Т.Ғуломов тадқиқот анҷом додаанд.

**Маҳдудиятҳои тадқиқот.** Бо вуҷуди навишта шудани асарҳои мухталиф оид ба ҳуҷуми арабҳо ба Осиёи Миёна ва мубориза бар зидди онҳо ҳанӯз ҳам паҳлуҳои тадқиқнашудаи ин масъала мавҷуданд. Омӯзиш ва таҳлили дақиқи маводи маъхазҳои хаттӣ дар ҳалли ин масъала кумак карда метавонанд.

Хуҷанди асримиёнагӣ баробари Суғд, Уструшана ва Фарғона яке аз мулкҳои мустақили Осиёи Миёна буд. Дар сарчашмаҳо омадааст, ки Хуҷанд тобеи Фарғона набуд. Аз ҷумла дар солномаҳои чинӣ он дар шакли Гюйчжанти омада, таъкид мегардад, ки Хуҷанд аз Фарғона ҷудо буда, масофаи байни онҳо 400 ли (тақриба 200 км) мебошад. Номи Хуҷанд ва баъзе воқеаҳои марбут ба он дар ҳуҷҷатҳои суғдии қалъаи Муғ дучор мешавад.

Ҳуҷҷатҳои суғдии қалъаи Муғ баҳори соли 1932 ба даст омада буданд. Аввалин муҳаққиқи ин ҳуҷҷатҳо профессор А.А.Фрейман мебошад, ки моҳи ноябри соли 1933 бо роҳбарии ӯ экспедитсияи Академияи илмҳои ИҶШС ба ҳафриёти қалъаи Муғ машғул шудааст. Дар натиҷа 75 ҳуҷҷати ба забони суғдӣ, як ҳуҷҷат ба забони арабӣ, як ҳуҷҷат ба забони туркӣ, қариб 400 адад ашёи маданияти моддӣ ва як миқдор тангаҳо ба даст омаданд.

Ҳуҷҷатҳои мазкур доир ба таърихи сиёсӣ, фарҳангӣ, ҳамчунин омӯзиши номҳои ҷуғрофии сарзамини Суғди қадим ва асримиёнагӣ сарчашмаи муҳимми таърихӣ ба ҳисоб меравcovanд. Маҳз онҳо имконият доданд, ки бисёр ҳодисаҳои кам омӯхташудаи таърихӣ ба таври васеъ баён гарданд, шакли аслии номҳои зиёди ҷуғрофӣ барқарор карда шаванд.

Соли 1934 тафсири палеографии ҳуҷҷатҳо дар китоби алоҳида ба табъ расонида шуд [11]. Омӯзиши ҳуҷҷати ба забони арабӣ навишташуда ба академик И.Ю. Крачковский ва В.А. Крачковская имконият дод, ки на танҳо вақти навишта шудани онҳоро муайян кунанд, балки тамоми шароити таърихии он давраро барқарор созанд [7, с.64]. Маълум гардид, ки ҳамаи ҳуҷҷатҳои бадастомада ба давраи то соли 722 тааллуқ дорад. Воқеаҳои муборизаи хуҷандиён бар зидди арабҳо дар ҳуҷҷате инъикос ёфтааст, ки аз рӯи намуди худ ба мактуб монанд аст, лекин номи нависанда, суроғаи вай ва шахси қабулкунанда сабт нагардидааст.

Ҳуҷҷат бо чунин сатрҳо оғоз ёфтааст: «Ва маълумот ҳаст: воқеаҳо дар Хуҷанд ба охир расиданд. Ва тамоми мардум ба мазҳаби (ё ҳимояти) амир гузаштанд – ҳам ашроф, ҳам тоҷирон ва коргарон (ҳамагӣ 14000 нафар) ва онҳо ақиб нишастанд. Ва мо қосидро фиристодем, лекин баъдтар фаҳмидем, ки ӯ ба Хуттал (Хатлон – А.А.) баргаштааст. Ва дар рӯзи Ахшевар-роч (рӯзи чоруми моҳ) саркардаи ҳарбӣ дар Шавкат қарор гирифт. Ҳамаи аскарони пиёдаро, ки буданд, ман тавассути Буттамон ба ӯ фиристодам. Он заминҳои васеи Паргарро ту барои онҳо нагузор, зеро он саркардаи ҳарбӣ (волии Хуросон Саид Амр ал-Ҳарашӣ – А.А.) то пеши ту намеояд. Бо ҳамроҳии Деваштич аспҳоро бор кун. Ту (шояд) сулҳи муваққатӣ мебандӣ, лекин на сулҳ ва на адолатро ту ва халқи ту намебинӣ…» [8, с.100].

Дар сатрҳои аввали ин мактуб О.И. Смирнова шакли суғдии топоними «Хуҷанд»-ро хондааст, ки шакли он дар забони форсии миёна «Xwajand» мебошад [9, с.354]. Хондани мактуб нишон дод, ки дар он оиди ба Хуҷанд омадани суғдиён ва муборизаи онҳо бо арабҳо сухан меравад. Мактуби мазкур ҳамчунин аз тарафи М.Н. Боголюбов тадқиқ шуда, ӯ ибораи «ба мазҳаби амир»-ро хондааст [10, с.94]. Дар мактуб оид ба воқеаҳое нақл карда мешавад, ки дар солҳои 721-нимаи аввали 722 ба вуқуъ пайвастаанд.

Низоъҳои байнихудии ашрофи Суғд ба он оварда расонид, ки Деваштич бо назардошти таслими Ғурак ба арабҳо ва ӯро подшоҳи Суғд карданашон ба муборизаи зидди истилокорони араб ҳамроҳ шуданро фурсати муносиб дарёфта, Фатуфарн ном сафири худро ба Чоч ва вилоятҳои ҳамсоя фиристод [3, с.302].

Дар байни ҳуҷҷатҳои қалъаи Муғ номаи аз Чоч ирсол доштаи ин сафир маҳфуз мондааст, ки дар тасвири бевоситаи вазъияти ниҳоят мураккаб ва фоҷианоки онвақта беҳтарин ҳуҷҷатест. Фатуфарн ба Деваштич «хоҷа» гӯён муроҷиат карда, менависад: «Хоҷа, ман ба

ҳузури ҳукмрони Чоч расидам. Ва ман, хоҷа, ҳам номаро супурдам ва ҳам он чи даҳонӣ гуфтанӣ буд, якто намонда, ҳамаашро ба тудун (ҳокими Чоч) ва «муовинаш» арз кардам. Ва, хоҷа, номаро ба хоқон ва номаро ба шоҳи Фарғона бо тутуки фарғонӣ (унвон) ба шоҳи Фарғона фиристодам. Ва, хоҷа, ман дигар роҳи худро наметавонам давом диҳам, зеро, хоҷа, мегӯянд, ки хоқонро дидан мумкин нест. Ва, хоҷа, ман аз тудун ва «муовинаш» нома ва ҷавобҳои номаро гирифтам..., вилояти Уструшан тамом аз даст рафтааст. Ва, хоҷа, ман яккаву танҳоям, ҳамроҳ надорам ва, хоҷа, ба рафтан ҷуръат намекунам. Ва, хоҷа, ман ба ин ҷиҳат дубора ба Чоч баргаштам. Ва, хоҷа, ман барои ин аз ту бисёр метарсам. Ва, хоҷа, тудун мувофиқи аҳдномаи сулҳ бо арабҳо худро ақиб кашид. Ва, хоҷа, мувофиқи аҳдномаи сулҳи Ҷомравоз ва форси лашкаркаш ба поин рафтанд – овоза ҳаст, ки барои гирифтани товон ва барои аз арабҳо дур кардани қӯшун... Ва, хоҷа, тудун ҳаввал бо Тарбанд шартнома баст «сулҳ кард» ва, хоҷа, вай ҳамаи заминҳоро бе ҳеҷ заҳмат ба даст овард. Ва, хоҷа, аз рӯи овозаҳо, «муовин» аз «сулҳ» хеле ғамгин аст ва ҳам аз ту тарсон аст, ки ба назди ту нарафт» [10, с.77]. Дар охир роҳи расонидани иттилоот ба Деваштич, яъне ба воситаи Канд (Конибодоми ҳозира) ва баъд ба воситаи Исфара ба Мастчоҳ ва, сипас, бо водии Зарафшон ба қароргоҳи Деваштич расидани хабар нишон дода мешавад.

Дар «Таърихи Табарӣ» омадааст, ки солҳои 721-722 суғдиён дар вақти волигии Саид Абдуазиз, ки лақаби «Хузайна»-ро дошт, ба туркҳо ёрӣ расонда буданд. Зеро ҳанӯз соли 720 дар шӯриши зидди арабҳо ба суғдиён туркҳо бо сарварии Курсул кумак карда буданд. «Хузайна» истилоҳи арабиест, ки ба забони суғдӣ гузашта, маънои «малика», «хонум»-ро медиҳад. Ин лақабро ба волии Хуросон Деваштич дода буд, зеро ки ӯ пӯшидани либосҳои занонаро дӯст медошт.

Ҳангоме ки волии Хуросон Саид Амр ал-Ҳарашӣ гардид, суғдиён аз худ тарсиданд ва аҳли номдори вилоят қарор доданд, ки аз ватани худ баромада раванд. Ҳокими суғдиён Ғурак чунин гуфт: «Ин тавр накунед, дар ҷои худ бимонед, ба волӣ барои рӯзҳои гузашта хироҷ биёред ва ба ӯ кафолат диҳед, ки дар заминҳои худ кор мекунед ва дар юришҳои ӯ ширкат меварзед, агар вай инро хоҳад. Айби худро ба гардан гиред ва ба ӯ гаравгонҳоро диҳед». Онҳо гуфтанд: «Метарсем, ки ӯ розӣ намешавад ва аз мо инро қабул намекунад, бехтараш мо ба Хуҷанд меравем ва аз ҳокими он пуштибонӣ мепурсем. Баъд ба амир қосид фиристода, узр мепурсем ва ӯро бовар мекунонем, ки барояш ягон амали ношоиста намекунем». Он гоҳ шоҳ гуфт: «Ман – яке аз шумоён ҳастам ва он маслиҳате, ки медиҳам, ба манфиати шумост» [12, с.3578]. Лекин суғдиён рад карданд ва ба Хуҷанд рафтанд. Табарӣ ҳатто номи ин амалдоронро ёдрас кардааст: Корзанг, Кашшин, Баёркас ва Собит [12, с.3578].

Корзанг ба ҳамроҳони худ интихоби се маслиҳатро баён дошт, ки яке аз онҳо шикаст додани дастаи яккачини паҳлавони арабҳо Саид бо сарварии Абдуллоҳ ал-Қушайрӣ буд. Агар ал-Ҳарашӣ аз ин хабардор шавад, ба сӯи онҳо юриш намекунад. Онҳо рад карданд. Дар он сурат маслиҳати дигар дод, ки аз дарёи Шош (Чоч) гузаранд, агар ҳокими он ҷо қабул накунад, ба сӯи Суяб раванд. Онҳо боз рад карданд. Маслиҳати сеюм додани хироҷ ба волӣ буд.

Баробари рафтани онҳо як қисми ашрофи суғдӣ бо сарварии Ғурак ба халқи худ хиёнат карда, ба тарафи волии Хуросон гузаштанд. Ғурак на танҳо ба тарафи арабҳо гузашт, балки ҳамроҳи онҳо бар зидди раияти худ ҷангиданро ҳам ба зимма гирифт [3, с.317; 1, с.88]. Вақте ки онҳо ба ин ҷо омаданд, ба ҳокими Фарғона Алутар қосид фиристоданд, то онҳоро дар паноҳи худ гирад ва дар шаҳраш ҷой диҳад.

Алутар дархости онҳоро қабул карданӣ буд, лекин модараш исрор дошт, ки онҳоро ба шаҳри худ роҳ надиҳад ва ягон русторо барояшон ҷудо кунад. Алутар ҳатто аз суғдиён пурсид, ки кадом русторо барояшон ҷудо кунад. Барои онҳо дараи Исомро ҷудо кард. Онҳо розӣ шуда, ба он ҷо рафтанд. Баробари ин ӯ шарт гузошт, ки бо онҳо ягон хел шартнома

надорад ва ӯҳдадор нест, ки онҳоро муҳофизат кунад, то он даме ки ба ин дара ворид шаванд. Алутар зоҳиран суғдиёнро ором карда истода, ба таври махфӣ писари худ Найлонро ба назди ал-Ҳарашӣ фиристод [5, с.137]. Найлон бо ал-Ҳарашӣ дар наздикии Дабусия вохӯрда, хабар дод, ки суғдиён дар Хуҷанд қарор доранд ва ӯ метавонад, бо тезӣ ҳаракат карда назди онҳо равад, дар акси ҳол суғдиён ба тарафи дара меравaнд.

Тибқи маълумоти Табарӣ Ибни Хубайра ба онҳо то аз мамлакат баромаданашон ваъда додааст, ки шахси дилхоҳашонро волӣ таъин мекунанд. Лекин онҳо рад карда, ба Хуҷанд рафтанд. Ин ҷо як нофаҳмие омадааст, ки барои чӣ суғдиён ба Хуҷанд омаданд, лекин аз ҳокими Фарғона пуштибонӣ пурсиданд. Дар асари Табарӣ омадааст, ки суғдиён дар дараи Исоми рустои Исфара ҷой гирифтанд. Лекин дар ҳуҷҷатҳои Қалъаи Муғ дар бораи ин маълумот нест. Танҳо шаҳри Хуҷанд номбар шуда, дар охири нома истилоҳи «аспана» баён шудааст, ки маънои он «ҳоким» мебошад. Корзанг ва Ҷаланг бо сокинони Иштиҳон дар Хуҷанд, Деваштич бо сокинони Панҷакент дар қалъаи Абгор ҷойгир шуданд.

Чуноне ки Балозурӣ дар «Футуҳу-л-булдон» таъкид сохтааст «Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф Муҳаллаб ибни Абисуфраро ба Хуросон гуморид, ки ғазои бисёр кард. Хуттал ва Хуҷандро, ки паймон шикаста буданд, бикушод ва суғдиён барои ӯ хироҷ биёварданд. Ва дар ғазои Кеш ва Насаф бимурд [2, с.581].

Баъд аз муҳорибаи шадиди байни иттифоқчиёни Деваштич бо арабҳо дар Фарғона ҳокими он Алутар ба онҳо хиёнат карда, ба ҷониби арабҳо гузашт. Саид ал-Ҳарашӣ гурӯҳе аз сипоҳи худро ба Хуҷанд расонида, онро дар соли 722 баъд аз ҷангҳои шадид забт намуд. Деваштич қушуни худро аз Панҷакент бо роҳи дигар ба Хуҷанд расонида, тавассути болооби Зарафшону Урметан дар қалъаи Абаргард истеҳком гирифт ва бо сипоҳи Ҳарошӣ дар ҷанг шуд. Баъди аз ҷангҳои пай дар пай маводи хӯрока ва лавозимоти ҷангии муҳофизон ба охир расид ва Деваштич маҷбур шуд бо арабҳо сулҳ банданд [4, с.94].

Ҷазодиҳии шӯришгарони суғдии ба Хуҷанд омада моҳҳои июн-июли соли 722 сурат гирифт. Табарӣ менависад, ки яке аз сарбозони араб бо найзаи худ дарвозаи шаҳрро шикаст. Сокинони шаҳр бошанд, берун аз шаҳр дар работҳои худ нақб канда, рӯи онро бо най пӯшонида буданд, ки ин барои фиреби назари арабҳо буд. Онҳо мехостанд, ки дар ҳолати набард агар ба ақибнишинӣ маҷбур шаванд, пеши роҳи арабҳоро мегиранд, то ки онҳо ба хандақҳо афтанд. Суғдиён ба сӯи арабҳо тохтанд, лекин ба ақибнишинӣ маҷбур шуда, ба хандақ афтоданд. Аз он ҷо 40 нафарро кашида гирифтанд, ки ҳар яке ду зиреҳ дошт. Саид Амр ал-Ҳарашӣ онҳоро ба манҷаниқ нишонд [12, с.3581].

Суғдиён ба ҳокими Фарғона нома фиристода, ба ӯ чунин навиштанд: «Ту ба мо хиёнат кардӣ» ва кӯмак пурсиданд. Алутар ҷавоб дод, ки ба онҳо хиёнат накардааст ва ёрӣ намедиҳад. Онҳо бояд ғами худашонро хӯранд, зеро арабҳо пеш аз муҳлат омаданд ва акнун суғдиён зери пуштибонии ӯ нестанд [12, с.3581].

Суғдиён аз ёрии Алутар умеди худро канда, роҳи дигар ҷустанд. Ин роҳи сулҳ, авфи гуноҳи онҳо ва бозгардонидан ба ватан буд. Ба арабҳо шарт гузошта шуд, ки асирон, занон ва кӯдаконро бозмегардонанд, хироҷ месупоранд, хиёнаткорона ҳеҷ касро намекушанд ва ягон нафари онҳо дар Хуҷанд намемонад.

Саид Амр ал-Ҳарашӣ ҳокимон ва тоҷиронро аз тарафи шарқии шаҳр бароварда, сокинони маҳаллии худро дар ҷояшон монд. Ашроф бошанд, дар бунгоҳи волӣ қарор доштанд. Дар дасти суғдиён бошад, мусулмонони асир буданд. Тақрибан 150, аз рӯи баъзе маълумот 40 нафари онҳо кушта шуданд. Аз байни асирон ҷавоне раҳоӣ ёфта, ба Саид Амр ал-Ҳарашӣ хабар дод. Ӯ бошад, фармон дод, ки ба истиснои тоҷирон ҳамаи онҳоро ба қатл расонанд. Суғдиён муқобилат нишон доданд, лекин яроқ надоштанд, бинобар ин пурра кушта шуданд.

Саҳарии рӯзи дигар тамоми зироаткоронро даъват карда, ба гардани ҳар як мард тамға гузоштанд. Дар майдонҳои кишт аз 3 то 7 ҳазор кас ба қатл расонида шуданд [6, с.63].

Бо амри Саид Амр ал-Ҳарашӣ тамоми молу мулки тоҷиронро ҳисоб карданд. Онҳо бошанд, дар бораи ҷанг накардани худ хабар доданд. Волӣ тамоми моликияти суғдиёнро мусодира карда, кӯдакони онҳоро асир гирифт. Ҳамаи моли барояш маъқулро бо худ гирифт ва боқимондаашро барои тақсим кардан фармуд. Яке аз наздикони ӯ Хаййана ал-Адавӣ панҷяки ғаниматро бо худ гирифта, боқимондаашро тақсим кард. Ҳаммаслаки дигари волӣ иброз дошт, ки аз кушта шудани Корзанг, Кашшин, Байар, Деваштич, Ҷаланҷ шод гаштааст.

Ба арабҳо ишғоли Хуҷанд (баҳорон ё тобистони с.722) ба осонӣ муяссар нагардид. Сокинон то дами охирин истодагарӣ карданд. Онҳо дар назди дарвозаҳои шаҳр хандақ канда, болои онро пӯшониданд ва сипас, бардурӯғ рӯ ба гурез ниҳоданд, арабҳои фирефташуда онҳоро таъқиб намуданд ва даҳҳо нафарашон ба хандақ ғалтида, асири суғдиён гардиданд. Аммо вақте ки қувваҳои сершумори арабҳо расида, мошинҳои деворшикан ба кор сар карданд, вазъияти ба муҳосира афтодагон хеле бад шуд. Онҳо шартҳои арабҳоро дар бобати баргаштан ба Суғд, пардохтани хироҷ ва раҳо кардани асирони араб қабул намуданд. Суғдиёни шӯришгар ҳама беяроқ карда шуданд. Арабҳо якеро гунаҳгор хонда, тамоми онҳоро қир карданд.

Сарбозони суғдӣ дар охирин лаҳзаи ҳаёти худ ҳам ҷасорати фавқулода нишон медоданд. Табарӣ менависад, ки суғдиёни бесилоҳ калтак ба даст ҷангида, муқовимат мекарданд. Ҳамаи онҳо аз дами теғ гузаронида шуданд. Фақат 400 нафар тоҷирон зинда монданд, ки ҷони худро бо пулу моли бисёре аз арабҳо харида гирифтанд. Аҳолии Хуҷанд ҳам ба азият ва маҳрумиятҳо дучор гардид; саркардаи араб фармуд, ки заминдорони ин ҷо ба гардани худ меҳри сурбӣ овехта гарданд; касеро, ки андаке аз итоат сар мекашид, ба куштан медоданд.

**Хулоса.** Чунин аст, фоҷиаи Хуҷанд, ки дар маъхазҳои хаттӣ нишон дода шудааст. Ин яке аз саҳифаҳои таърихи ниёгони тоҷикон дар роҳи озодии Ватан, ҳифзи марзу бум, арзишҳои миллӣ мебошад, ки барои насли муосир чун рамзи ватандорӣ, ҷоннисории гузаштагон дар муҳофизати меҳан хизмат мекунад.

***ПАЙНАВИШТ:***

1. *Балазури, Ахмад ибн Иахйа ибн Джабир. Завоевание Хорасана (Извлечение из сочинения «Футух ал-булдан») / Перевод с арабского, предисловие, комментарии и указатели Г.Гоибова. - Душанбе: Дониш, 1987. - 120 с.*
2. *Балозурӣ А. Футуҳу-л-булдон. Тарҷумаи Муҳаммади Таваккал. – Теҳрон: Катиба, 1337 ш. – 787 с.*
3. *Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. – Душанбе: Дониш, 2008. – 870 с.*
4. *Ғуломов Т.М. Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннахр дар асрҳои VIII-X: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. – Душанбе, 2023. - 345 с.*
5. *Джалилов А. Согд накануне арабского нашествия и борьба согдийцев против арабских завоевателей в первой половине VIII в. // Труды АН ТаджССР. Том XXX. – Сталинабад: Изд-во АН ТаджССР. – 176 с.*
6. *История Ленинабада. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 608 с.*
7. *Крачковский И.Ю., Крачковская В.А. Древнейший арабский документ из Средней Азии // Согдийский сборник. Сборник статей о памятниках согдийского языка и культуры, найденных на горе Муг в Таджикской ССР. - Ленинград: Издательство Академии наук СССР, 1934. - С.52-90.*

*8. Лившиц В.А. Согдийская эпиграфика Средней Азии и Семиречья. – Санкт-Петербург: Филологический фак. Санкт-Петербургского гос. ун-та, 2008. - 414 с.*
*9. Смирнова О.И. Очеркҳо оид ба таърихи Суғд. – Хуҷанд: Хуросон, 2025. – 412 с.*
*10. Согдийские документы с горы Муг. Вып.II. / Чтение, пер. и ком. В.А. Лившица. – Москва: Изд-во восточной литературы, 1962. - 224 с.*
*11. Согдийский сборник. – Ленинград: изд-во и тип. Изд-ва Акад. наук СССР, 1934. – 121 с.*
*12. Табарӣ, Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарир. Таъриху-р-русули ва-л-мулук. Китоби 5. - Душанбе: Муассисаи давлатии Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2014. – С.3025-3739.*

**REFERENCES:**

*1. Balazuri, Akhmad ibn Yahya ibn Jabir. The Conquest of Khorasan (Excerpt from the work "Futuh al-buldan"). Translation from Arabic, preface, commentary, and indexes by G. Goibov. - Dushanbe: Donish, 1987. - 120 pp.*
*2. Balazuri, A. Futuhu-l-buldon. Translation by Muhammadi Tawakkal. - Tehran: Katiba, 1337. - 787 pp.*
*3. Gafurov, B.G. Tajiks: ancient, medieval and modern history. - Dushanbe: Donish, 2008. - 870 pp.*
*4. Gulomov, T.M. Historiography of the Arab Conquests and Liberation Struggle of the Peoples of Khorasan and Movarounnahr in the 8th-10th centuries. Dissertation for the degree of doctor of historical sciences in the specialty 07.00.09 – historiography, source studies, and methods of historical research. – Dushanbe, 2023. - 345 pp.*
*5. Jalilov A. Sogdiana on the Eve of the Arab Invasion and the Struggle of the Sogdians against the Arab Conquerors in the First Half of the 8th century // proceedings of the academy of sciences of the Tajik SSR. Vol. XXX. – Stalinabad: Publishing House of the Academy of Sciences of the Tajik SSR. – 176 pp.*
*6. History of Leninabad. – Dushanbe: Irfon, 1986. – 608 pp.*
*7. Krachkovsky I. Yu., Krachkovskaya V. A. The Oldest Arabic Document from Central Asia // Sogdian Collection. A collection of articles on monuments of the Sogdian language and culture found on Mount Mug in the Tajik SSR. - L.: Publishing House of the USSR Academy of Sciences, 1934. - PP. 52-90.*
*8. Livshits V. A. Sogdian Epigraphy of Central Asia and Semirechye. - St. Petersburg: Philological Faculty. St. Petersburg State University, 2008. - 414 pp.*
*9. Smirnova O. I. Essays on the History of Soghd. - Khujand: Khuroson, 2025. - 412 pp.*
*10. Sogdian Documents from Mount Mug. Issue II. / Reading, trans. and comment. V. A. Livshits. - Moscow: Publishing House of Eastern Literature, 1962. - 224 pp.*
*11. Sogdian Collection. - L.: Publishing House and Type. Publishing House of the USSR Academy of Sciences, 1934. - 121 pp.*
*12. Tabari, Abujafar Muhammad ibn Jarir. Tarihu-r-rusuli va-l-muluk. Book 5. - Dushanbe: State institution main scientific editorial board of the Tajik National Encyclopedia, 2014. - PP.3025-3739.*